# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филологӣ Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм ба диссертатсияи Бобокалонова Рано Норбаевна дар мавзӯи «Хусусиёти луғавию семантикии услуби “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Китобҳои дар соҳаи ҷуғрофия ба забони тоҷикӣ таълифшуда дар таърихи забону адаб ва фарҳанги тоҷикию форсӣ ҷойгоҳи хосае доранд, зеро онҳо яке нахустин намунаҳои осори насри илмии гӯйишварони ин забон ба шумор меравper. Анъанаи таълифи чунин осор ҳанӯз аз даврони истеъмоли забони паҳлавӣ маншаъ гирифта, пас аз фосилаи андак тулонӣ дар забони форсии дарӣ аз нав эҳё гардид, ки китоби “Ҳудуд-ул-олам” (асри XI) нахустин намунаи комили ин осор дар даврони корбурди ин забон ба шумор меравад. Ин китоб на танҳо анъанаи таълифи китобҳои ҷуғрофиро дар илму адаби тоҷикӣ-форсӣ аз нав зинда кард, балки барои идомаи мавзӯи ҷуғрофиёи таърихӣ дар насри илмии асрҳои баъдӣ заминаи мустаҳкам гузошт.Сабки таълифи китобҳои ба мавзӯъҳои ҷуғрофӣ бахшидашуда дар қарнҳои пасин маҳз аз забону услуби нигориши ин китоб маншаъ гирифта, то ба оғози асри XX идома пайдо кард. Китоби «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ яке аз охирин осори илмӣ-ҷуғрофиест, ки дар дар пайравӣ ба ҳамин услуби насри илмӣ эҷод шудааст. Таҳқиқи вижагиҳои забону услуби ин асар барои муайян намудани услуби нигориши насри илмӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX заминаи марбутаро муҳайё месозад.

Бобокалонова Р.Н. дар оғози кораш зикр намудааст, ки “«Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ дар таърихи инкишофи забони адабии тоҷикӣ мақоми хос дошта, аз як тараф, баёнгари вазъ ва шароити таърихии замони зиндагии муаллиф бошад, аз тарафи дигар, матни асар ҳамчун маводи арзишманди забоншиносӣ дар таҳқиқи таърихи ташаккул, таҳаввул ва инкишофи забони адабии тоҷик, ба хусус, корбурди луғот, мабнои луғавию маъноии сарфу наҳв ва услуби он аҳамияти бузурги илмиро молик мегардад” (с. 4).

Таҳқиқи нақш ва ҷойгоҳи асар дар таърихи насри илмии тоҷик нишон медиҳад, ки он, агар аз як сӯ, ифодагари вазъияту шароити таърихии даврони зисти муаллиф бошад, аз сӯйи дигар, муҳтавои китоб ба сифати маводи забонӣ барои муайян сохтани хусусиятҳои таърихи ташаккул, таҳаввул ва инкишофи забони адабии тоҷик, бо шумули истифодаи вожаҳо, нақши асосҳои луғавию семантикии сарфу наҳв дар ташаккули услуби он соҳиби арзиши волои илм мебошад. Асарҳое мисли «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ дар шаклгирӣ ва таҳаввули

услуби илмии забони тоҷик ҷойгоҳи хосае доранд, аз ин ҷиҳат омӯзиши забону услуби онҳо барои шинохт ва муайян намудани масоили мубрами инкишофи забони адабии тоҷик мусоидат хоҳад кард. Бо таваҷҷӯҳ ба ин нуктаҳо, диссертатсияи номзадии Бобокалонова Р.Н., ки ба тадқиқу баррасии хусусиётҳи луғавию семантикии услуби “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ бахшида шудааст, аз аҳамияти илмӣ ва амалӣ бархурдор мебошад.

Дар муқаддимаи рисолаи номзадӣ таъкид мегардад, ки “дар мавриди омӯзиши забон ва услуби осори илмии охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ, ки як давраи заминасоз дар ташаккули забони адабии муосири тоҷик маҳсуб мешавад, «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ яке аз муҳимтарин китоби илмии ин даврон мебошад ва барои баҳо додан ба манзараи рушди забони илми тоҷик дар он замон маводи фаровони илмӣ медиҳад” (с.5). Проблемае, ки мавриди баррасии диссертатсияи Бобокалонова Р.Н. қарор гирифтааст,фарогири мавзӯи мухими илми забоншиносии тоҷик, яъне таърихи анъанаи таълифи асарҳои ҷуғрофӣ ва шароиту омилҳои таърихии шаклгирии услуби илмии ҷуғрофиёиро дар забони тоҷикӣ-форсӣ ва идома ёфтани ин услубро дар забони адабии тоҷики ибтидои асри ХХ дар бар гирифтааст. Забони «Таърихи ҳумоюн», ки анъанаҳои давраи классикӣ ва аҳди навини инкишофи забони адабии тоҷик ба ҳам васл кардааст, пайванди анъанаи классикии услуби таълифоти илмӣ ва услуби илмии забони адабии муосири тоҷикӣ маҳсуб мегардад. Унвонҷӯ таъкид намудааст, ки «яке аз ҷанбаҳои муҳими таҳқиқи забоншиносии «Таърихи ҳумоюн» забон ва сабки он, нақши ин асар дар ташаккул ва таҳаввули забон ва услуби осори илмӣ-ҷуғрофии тоҷик мебошад, аммо то кунун ба сурати куллӣ ин мавзӯъ ба таври алоҳида ва системавӣ мавриди баррасии амиқу ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Ба бозсозии манзараи таърихии инкишофи забон ва услуби илмии тоҷикию форсӣ танҳо дар сурате метавон комёб гардид, ки осори илмии ҳар давраи он ба сурати комил таҳқиқ гардад. Дар ин росто мебоис нақши муҳит ва шароити таърихии таълиф ва китобати асар дар забон ва сабки он, хусусиятҳои маъноию услубии воҳидҳои луғавӣ, имконоти услубии воҳидҳои сарфии забон, вежагиҳои корбурди вожагон дар ташаккули сабки воҳидҳои наҳвӣ дар ин асар ҳадафи таҳқиқи махсус қарор дода шаванд» (АД., с 5).

Муаллифи диссертатсия бар пояи мисолҳои фаровон аз матни асари Гулшанӣ дар асоси методи таҳқиқи синхронӣ-тасвирӣ ва таҳлили контекстуалӣ масоили луғавию дастурии услуби «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшаниро ба таври системӣ таҳқиқу тадқиқ менамояд. Азбаски асари Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ ба пажӯҳиши ҷуғрофиёи Аморати Бухоро бахшида шудааст, услуби он дар доираи талаботи жанри илмӣ-ҷуғрофӣ шакл гирифтааст. Забони асар гарчанд наздик ба сабки классикист, аммо муаллиф кӯшидааст, то

матлаби баёнкардаи ӯ барои аҳли саводи давраи зиндагии ӯ равшану фаҳмо бошад.

Ба услуби «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ содагии баён, шевоии гуфтор, канорагирӣ аз печидабаёнӣ хос аст. Тарзи баёни матлаби асари ҷуғрофӣ тақозо дорад, ки воқеияти ҷуғрофӣ бояд ба тарзе баён гардад, ки барои хонандаи асар фаҳмо бошад, бинобар ин, нигорандаи асар дар гузиниши вожагону таркибҳо ва ибораю таъбирот бояд салиқаи махсус дошта бошад, то забони навиштаи ӯ равону шево, ҷолибу ҷаззоб ва барои намояндагони тамоми минтақаҳои густариши забони тоҷикӣ қобили фаҳм бошад. Воқеан ҳам, муаллифи «Таърихи ҳумоюн» дар дар интихоби воҳидҳои забон ҷиҳати баёни андешаи худ эҳтиёткор аст ва ба василаи тасвири сода, вале ҷолибу дилпазир хонандаи худро вориди воқеияти тасвиршаванда мегардонад. Нишон додани ҳамаи ин вижагиҳои баёни асар ҳадафи таҳқиқи рисолаи Бобокалонова Р.Н. қарор гирифтааст. Рисолаи унвонҷӯ кори илмии комилан анҷомёфта буда, барои таҳқиқи ҷараёни шаклгирӣ ва инкишофи услуби илмии забони тоҷикӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Чунончи расм шудааст, дар муқаддимаи рисолаи номзадӣ диссертант муҳимияти мавзӯи интихобшуда асоснок карда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмӣ, усул ва методҳои таҳқиқот, мабнои методологӣ ва назариявии диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ва нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, баён намудааст.

Дар се фасли боби аввали кори диссертатсионӣ муҳити таърихии таълиф ва китобати «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ ва нақши он дар забон ва услуби асар мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтааст. Зикр мегардад, ки поёни асри XIX ва оғози асри XX дар таърихи забони адабии тоҷик марҳилаи хосе ба шумор меравад, зеро он замони рӯйдодҳои навин ва таҳаввулоте мебошад, ки дар зиндагии сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа ба вуқуъ пайваста буд ва дар зиндагии маънавии ҷомеаи он давра бо шумули забони мардум низ таъсиргузор буд.

Дар фасли якуми диссертатсия сухан дар хусуси муҳити забонии даврони таълифи «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ рафтааст. Диссертант таъкид доштааст, ки дар ибтидои нимаи дувуми асри XIX раванди тасарруфи сарзаминҳои Осиёи Миёна аз тарафи империяи Русия оғоз гардид, ки боиси ишғоли ин сарзаминҳо ва ташкили генерал-губернатории Туркистон анҷом гардид. Аморати Бухоро, ки расман аз тарафи Русия забт нагардида буд, таҳти фишори ҳарбию сиёсии давлати рус истиқлоли воқеии худро аз даст дода, амалан ба ниммустамликаи Россия табдил ёфт ва дар ҳамин замина иқтисоди кишвар ҳам тараққӣ кард. Дар ҳамин ҳол равобити фарҳангии сокинони маҳаллӣ бо давлати рус рӯ ба густариш ниҳод ва намояндагони равшанфикрони маҳаллӣ бо фарҳангу

адабиёти рус ошноӣ пайдо карданд ва ба ин васила бо адабу фарҳанги Аврупо низ шинос шуданд. Маҳз дар чунин муҳити фарҳангӣ як зумра адибону мутафаккироне ба камол расиданд, ки дар инкишофи илму адаби ибтидои асри XX аз худ нақши намоёне бар ҷой гузоштаанд ва яке аз онҳо Содиқхоҷаи Гулшанӣ буд. Муаллифи рисолаи номзадӣ таъкид намудааст, ки гарчанд «Таърихи ҳумоюн»дар пайравӣ бо сабки пешина таълиф гардида бошад ҳам, вале забони асар ба сурати куллӣ он қадар душвору муғлақбаёнона нест ва суханпардозиҳои сунъӣ дар он камтар ба назар мерасанд. Дар асар калимоти арабӣ низ фаровон истифода гардидаанд, ки дар ин фасл мавридҳои истеъмоли онҳо бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Дар фасли дуюми диссертатсия роҷеъ ба шароити таърихии таълифи «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ ва инъикоси он дар услуби асар сухан рафта, заминаи таърихии асар бо такя ба манбаъҳо ба доираи баҳси илмӣ кашида шудаанд.

Дар фасли охирини ин боби хусусиятҳои жанрии услуби «Таърихи ҳумоюн» ва таъсири муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ дар таълиф ва китобати асар баррасӣ мегарданд.

Боби дувуми кори илмӣ ба таҳлили хусусиятҳои корбурдии воҳидҳои луғавӣ дар «Таърихи ҳумоюн» бахшида шудааст.

Дар нахустин фасли боби дуюм доир ба корбурди имконоти услубии муродифоти луғавӣ изҳори назар шудааст. Таъкид гардидааст, ки зимни корбурди вожагони мутародиф нависанда кӯшидааст аз корбурди муродифҳое, ки дар замони навиштани асар барои хонанда фаҳмо набуданд, худдорӣ намояд ва аз муродифоти камистеъмол танҳо дар мавридҳои лозимӣ, ҳангоме ки зарурати тасвири ҳодисоти замон ё макони ғайр ба миён меояд, истифода барад.

Фаслҳои минбаъдаи боби дувум ба таҳлили корбурди имконоти услубии ҳамгунҳо ва калимаҳои мутазод ва корбурди калимаҳои мансуб ба минтақаҳо бахшида шуда, нақши онҳо дар шаклгирии забон ва услуби асари таҳқиқшаванда мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия, ки шомили се фасл аст, «Корбурди маводи ономастикӣ дар асар» унвон гирифтааст, ки дар он номҳои ашхос ё антропонимҳое, ки дар асари мазкур вобаста ба инъикоси воқеаҳо, зикри дахмаву қалъаҳо, манораҳо ва мазору мавзеъҳои таърихӣ-ёдгорӣ аз ҷониби муаллифи асар мавриди

корбурд қарор гирифтааст. Дар миёни онҳо номҳои ашхоси алоҳидаи асотирӣ ва таърихиву воқеӣ, ном бо насаб, номи авлодӣ, номи мустаор, лақабу тахаллус, ном бо мансубият ба маҳал, шаҷара, ном бо нишондиҳии ҷоҳу манзалат ва лақабу тахаллуси одамонро ҷойгоҳи хосса доранд.

Дар фасли дуюми боби сеюм номҳои асотирӣ ва афсонавӣ (мифонимҳо)-ро баррасӣ гардиаанд ва таъкид шудааст, ки афсона ва ва устураҳо дар заминаи тахайюли зеҳнӣ ва фикрҳои бофта ба амал меоянд, ки боиси пайдоиши номҳои гуногун гардидааст, ки дар асари мазкур ба таври густарда истифода шудааст.

Дар  фасли дигар сухан роҷеъ ба номи шахсони воқеӣ-таърихӣ меравад, ки дар он ҷойгоҳи номҳои маъмул, шахсони фозилу фарзона, қавму қабоили намоён ва воқеоту асолати таърихии инсонҳои наҷибро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор ёфтааст. Дар фаслҳои баъдина номҳои авлиёҳо, шайхҳо ва чеҳраҳои динӣ номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашроф ҳокимон, волиён ва дигар амалдорони давр, ҳамчунин номҳои халифаҳо, сипоҳиён ва лашкаркашон таҳлил гаштаанд, ки барои муайян намудани ҷараёни инкишофи низоми антромпонимияи тоҷикӣ матлаби фаровоне фароҳам месозад.

Хусусиятҳои корбурди имконоти семантикию сарфии забон дар асар мавриди баҳси боби охирини рисола карор дорад. Зимнан тазаккур дода мешавад, ки масъалаи услубиёти сохтори грамматикии асари бадеӣ дар тафовут аз услубиёти луғавӣ яке аз мавзӯоти нисбатан кам таҳқиқшуда дар услубшиносии забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Ин пеш аз ҳама, ба он вобастагӣ дорад, ки баъзе паҳлуҳои услубии ҳиссаҳои нутқ ҳанӯз ҳам ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст, ки дар натиҷа марзҳои миёни корбурди хоси воҳидҳои грамматикӣ дар забони умумихалқӣ ва он вазифаҳои услубии ин воҳидҳо, ки дар забони осори адабӣ ва илмӣ  ба назар мерасанд, дақиқ муайян нагардидаанд. Ҳар адиб дар истифодаи имконоти категорияҳои морфологӣ саҳми хосаи худро гузоштааст, аммо ҳанӯз ҳам принсипҳо ва методҳои таҳқиқи қонунмандиҳои корбурди услубии ҳиссаҳои нутқ ба таври амику дақиқ таҳия нагардиданд Аммо гуфтаҳои мазкур чунин маъно надорад, ки таҳқиқоти услубшиносони тоҷик доир ба ин мавзуъ комилан сарфи назар карда шавад, зеро дар баробари ин дар осори илмие, ки ба тадқиқи забон ва услуби нависандагони алоҳида бахшида шудаанд, доир ба вижагиҳои услубии осори адибон назарот ва мулоҳизоти ҷолиб ва муҳими илмӣ баён гардидаанд. Дар се фасли боби мазкур бар пояи маводи фаровони забонӣ хусусиёти луғавию семантикии корбурди ҳиссаҳои номии нутқ  ва нақши онҳо дар шаклгирии услуби «Таърихи ҳумоюн” нишон дода мешавад.

Дар охири диссертатсия хулосаи он чо дода шудааст, ки дар он нуктаҳои асосие, ки аз таҳлилу таҳқиқи бобҳои дохилии рисолаи номзадӣ

бармеоянд, натиҷагирӣ гардида, дар зимн муҳимтарин хусусиёт ва омилҳое баён карда шудаанд, ки дар ташаккули услубиёти корбурди имконоти луғавию семантикии забони тоҷикӣ дар асар таъсиргузор будаанд.

Кори диссертатсионии Бобокалонова Рано Норбаевна дар асоси меъёрҳои илмии муосир таҳия гардидааст. Тарзи овардани иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зерфаслҳо, хулосаву рӯйхати адабиёти истифодашуда мутобиқи талаботи меъёрҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ сурат гирифтааст.

Дар баробари зикри дастовардҳои кори диссертатсионии Бобокалонова Р.Н. бояд таъкид намуд, ки диссертатсия ва автореферати он аз як қатор нуқсону иштибоҳот орӣ нест, ки нишон додани онҳо барои беҳтар намудани сифату кайфияти кори илмӣ дар оянда муфид хоҳад буд:

1. Дар диссертация таносуби ҳаҷми бобҳои дохилии кор риоя нагардидааст. Масалан, шумораи саҳифаҳои боби аввал 17 саҳифа, аммо боби сеюм 53 саҳифаро ташкил медиҳад.
2. Боби охирини рисола вижагиҳои корбурди имконоти семантикию сарфии забонро дар асари М.Гулшанӣ менамояд, аммо дар он танҳо имконоти услубии ҳиссаҳои номии нутқ баррасӣ шуда, ҳиссаҳои дигари нутқ аз доираи пажӯҳиши унвонҷӯ берун мондааст.
3. Унвонҷӯ дар диссертация шумораи кофии асарҳои илмиро истифода кардааст, вале аксари асарҳои истифодагардида дар солҳои 60-уму 90-уми асри гузашта нашр шуда, ба асарҳои дар солҳои охир нашргардида, камтар диққат дода шудааст.
4. Беҳтар мебуд, муаллифи диссертатсия дар боби аввали рисола зерфаслеро изофа мекард, ки дар он дар бораи таъсири услуби эҷодии Муҳамадсодиқхоҷаи Гулшанӣ ба насри илмии пасин ва ҷойгоҳи он дар ташаккули сабки илмии забони адабии муосири тоҷик маълумоти густардатаре меовард.
5. Бо вуҷуди кӯшишҳои унвонҷӯ дар матни диссертатсия ва матнҳои тоҷикию русии автореферати он ғалату иштибоҳҳои гуногуни услубӣ, имлоию китобатӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (дисс., с. 3, 4, 8, 9, 31, 44, ва ғ.; автореферат, с 5, 8, 10, 11 ва ғ.).

Бояд тазаккур дод, ки камбудиҳои зикршудаислоҳпазир буда, аҳамияти илмии рисолаи номзадиро коста намегардонанд ва диссертатсияи Бобокалонова Рано кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботе, ки КОА назди Президенти ҶТ дар пешорӯи чунин корҳои илмӣ-тадқиқотӣ қарор додааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия, ки ба забонҳои тоҷикию русӣ таҳия гардидааст ва ҳамчунин шаш мақолаи илмии диссертант, ки роҷеъ ба мавзӯи мазкур, аз ҷумла дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ФР ва КОА

назди Президенти ҶТ нашр гардидаанд, мазмуну муҳтавои онро ба дараҷаи зарурӣ инъикос намудаанд.

Тибқи талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фишурдаи муҳтавои диссертатсия дар охири автореферат ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шудаанд, ки тарҷумаҳои фишурда муодили матни тоҷикии он мебошад.

Диссертатсияи номзадии Бобокалонова Р.Н. ба талаботҳое, ки ҳуҷҷатҳои меъёрии Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чунин корҳои илмӣ муқаррар намудаанд, ҷавоб дода, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizи расмӣ**,
мудири кафедраи таърихи забон
ва типологияи ДМТ,
доктори илмҳои филология Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм

**Нишонӣ**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 17
E-mail: salomov1967@mail.ru
Телефони мобилӣ: (992) 918808467

Имзои Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюмро
тасдиқ менамоям
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.

21 октября с. 2019